# ҶАШНИ НАВРӮЗИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ МУБОРАК!

Опубликовано 19 марта, 2021 - 13:21 пользователем Ҳайати тадорукот

[1]

Муҳтарам кормандони Кумита, шарикон, дӯстон ва меҳмонони сомонаи расмии мо,

Боиси ифтихор ва сарфарозист, ки пас аз соҳибистиқлол шудани Тоҷикистони азиз Наврӯз бо қабои пурнусрати худ дар рӯзгори мардуми мо файзу шукӯҳи нав оварда, мақому манзалати волоеро касб кард. Иқдоми хирадмандонаи Пешвои муаззами миллат буд, ки ин ҷашн дар дунё ҳамчун ба унвони фарҳанги миллати тоҷик шинохта шудааст.
Наврӯз дар фарҳанги мо – тоҷикон рӯзи зиндагии нав, рӯзи шодӣ, рӯзи адолату баробарӣ,

рӯзи бахшоиши гуноҳҳои якдигар, рӯзи оштӣ буда, ин навшавӣ ҷузъе аз фарҳанги қадимии мост, ки имрӯз ҷаҳониёнро ба зиндагии шоиста даъват мекунад. Дилҳо ва андешаҳо метавонанд дар ин рӯз ба ҷониби якдигар майл кунанд, некуиро пеша намоянд.
Бо самимияти хоса мегӯем, бигзор Наврӯзи имсола ба Шумо ва аҳли хонадонатон, бо манзалату ҳикмати беназираш сиҳатмандии бардавом, осудагиву амонӣ, барори кор, файзу нусрат, баракати рӯзгор ва сарбаландиро чун кӯҳсорон эҳдо намояд.
Расидани Наврӯзи куҳан ба сафҳаи наве аз умри он барои Шумо ва мардуми шарифи кишварамон хуҷаста бод ва ҳадяи ин айём неруи тозаи ҷисму рӯҳ, шодиву нишот, сулҳу ободӣ, тавфиқу пирӯзиҳо бошад!

Қадами тозаи Наврӯз муборак бошад,
Ҷашни фархундаву фирӯз муборак бошад.

Бо камоли эҳтиром,
Раиси Кумита    Муҳаммадҷонзода О.О.

**Рейтинг контента:** 5

Средняя оценка: 5 (2 голос)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

- 

- 

- 

**Источник::**https://www.istilohot.tj/ru/node/6730?mini=2026-03

**Ссылки**
[1] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/Navruz2021_0.png [2] https://www.istilohot.tj/ru/taxonomy/term/10 [3] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210320_130326.jpg [4] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210320_1300.jpg [5] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210320_130341.jpg [6] https://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/IMG_20210320_130035.jpg